Бахшида ба 23-юмин солгарди таъсисёбии Куввахои харбӣ- хавоӣ дар майдони сафороии кисми харбии 07033 Вазорати мудофиа чорабинии идона доир гардид, ки дар он рохбарияти Вазорати дифои кишвар ва афсарону сарбозони ин навъи кӯшун иштирок доштанд. Чорабинии мазкур бо садо додани суруди миллӣ огоз гардид. Сипас бо сухани табрикотӣ сардори Ситоди генералии Куввахои Мусаллах-муовини аввали вазири мудофиа генерал-майор Собирзода Эмомалӣ хозиринро ба иди касбиашон муборакбод намуд.

Мавсуф зимни суханрониаш доир ба дастовардхои Куввахои харбӣ-хавоӣ дар замони Истиклолият суханронӣ намуда, изхор дошт, ки хизматхои хайати шахсии ин навъи кӯшун дар бунёди Куввахои Мусаллах хело бузург аст. Хайати шахсии Куввахои харбӣ-хавоӣ тавассути чархболу тайёрахои низомӣ дар хамаи амалиётхои зиддитеррористӣ, машкхои низомӣ ва баргардонидани гурезагон ба Ватан сахми арзанда доранд. Дар ин муддати начандон тулонӣ, хавонавардони низомӣ хазорхо парвозхо анчом додаву вазифахои дар наздашон гузошташударо сарбаландона ичро намудаанд.





Имрӯз мо аз он ифтихор дорем, ки хомиёни фазои кишвар бахри хифзи дастовардхои Истиклолияти давлатӣ ва химояи марзу буми кишвар хамеша омодаанд. Хамчунин, фармондехи Куввахои харбӣ-хавоӣ ва мудофиаи зиддихавоӣ генерел-майор Сафарализода Рахмоналӣ, намояндаи Шӯрои собикадорони Вазорати мудофиа ва дигарон дар назди хозирин суханронӣ намуда, аз комёбиву дастовардхои кӯшунхои мазкур дар тули 23 соли фаъолияти таъсисёбиашон ёдоварӣ намуда, онхоро ба ин санаи таърихӣ табрик намуданд.





[illegible]